# ХУЛОСАИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Парвандаи аттестатсионии №1

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 10.10.2019, протоколи №1

Дар бораи ба Расулзода Субҳон Пирмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)

Диссертатсия дар мавзӯи "Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия" (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар шакли дастхат Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА- 044 аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) ба ҳимоя қабул карда шуд.

**Унвончӯ** Расулзода Субҳон Пирмад, соли таваллудаш 1981, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, милаташ тоҷик, узви Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон.

Соли 2003 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни химия хатм намудааст.

Аз соли 2003 то ҳол дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ фаъолият дорад.

Расулзода Субҳон Пирмад имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 07.02.2015- 4 "хуб", аз фанни фалсафа 10.03. 2018 -4 "хуб" ва назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) 19.04.2019 -4 "хуб" супорид.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбарӣ илмӣ:** Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҷабов Умаралӣ -** доктори илмҳои химия, профессор, мудири кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.
2. **Алимов Сироҷиддин Шералиевич -** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ .

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар хулосаи мусбати худ бо имзои раиси Шӯрои илмӣ-методии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.х., дотсент, Холиқова Лутфия Розиқовна, мудири кафедраи методикаи таълими химия, номзади илмҳои химия, дотсент, Қурбонова Муқадас Завайдовна ва бо тасдиқи ректори он академик, Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ қайд мекунанд, ки кори диссертатсионии Расулзода Субҳон Пирмад ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02–назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 9 мақолаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия буда, аз ҷумла 6 мақолаи илмиаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия чоп гардида аст.

**Корҳои муҳимтарин оид ба мавзӯи диссертатсия:**

1. Нақши категорияҳои фалсафӣ дар ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия. Паёми ДМТ. **(ISSN 2074-1847)** №3/8: (218) саҳ. 230-235. 2016 с.

2. Истифодаи имкониятҳои фаъолияти эҷодӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар таълими химия. Паёми ДМТ. **(ISSN 2074-1847)** №2 саҳ. 219-224.
3. Ташаккули услуби тафаккури илми ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категориҳои таърихӣ ва мантиқӣ. Паёми ДМТ. **(ISSN 2074-1847).** №3 саҳ. 267-273.2017с.
4. Психологические особенности формирования способа научного мышления школьников при изучении химии. Вестник **Бохтарского государственного университета. (ISSN 2309-6764)** №1-3(55)-2018, стр. 135-139.
5. Значение исторических и логических категорий в формировании способа научного мышления. **Бохтарского государственного университета (ISSN 2309-6764)** №1-1(59) 2019, стр. 79,84.
6. Обзор литературы по формированию научного мышления школьников в процессе познания. **Вестник Бохтарского государственного университета (ISSN 2309-6764)** №1-1(59) 2019, стр. 103-108.

**Ба автореферат тақриз навиштаанд:**

1. **Нуриддинзода Аскар**- номзади илмҳои тиб, директори коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар;
2. **Бобиев Холмурод** – номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи умумии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур;
3. **Раҳимов Хуршед**- номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи "Неругоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ "-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
4. **Мирзоев Салим** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот:**

Имрӯз дар соҳаи маориф масъалаи эҳёи таълими нави босифат ба миён омадааст, ки дар он мазмун бояд сифатҳои ахлоқии инсон, шуур, фаъолияти зеҳнӣ ва қобилиятҳои ӯро ба эҷодкорӣ рушд дода, такмил диҳад. Олимон бо осори гаронбаҳои худ натанҳо дар ганҷинаи илми ҷаҳонӣ нақши бузург гузоштаанд, балки дар усулҳои таълиму тарбияи шогирдон низ саҳми босазо гузоштаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии илм ва маориф муносибатҳои сифатан нав ба миён омаданд. Айни замон вазифаи таълим аз додани ҳаҷми муайяни дониш, қобилияту малака, дониши чуқури низоми илмҳо, мустақилона ҷустани дониш, дарёфти ҳақиқат ба хонандагон, ташаккул ва рушди фаъолияти эҷодии онҳо иборат мебошад.

Химия ҳамчун фанни таълимӣ имкониятҳои зиёде дорад, ки онҳоро барои азхуд намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва тарзи илмии маърифат истифода бурдан мумкин аст. Рушди зеҳн ва хотираи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти таълимӣ–маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор мераванд.

Омӯзгор дар раванди таълим бояд ба туфайли фанни таълимии худ зеҳни илмии хонандагонро рушд диҳад, то ин ки онҳо ба ҳалли вазифаҳои амалии дар ҳаёт дучоромада тайёр бошанд ва донишҳои гирифтаи хешро истифода карда тавонанд.

Мубрамияти таҳқиқоти унвонҷӯ имкониятҳоро дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ, коркарди нопурраи проблемаи мазкурро дар адабиёти педагогӣ, хусусан дар ҷумҳурии мо, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи имкониятҳои таълимии химияро дар раванди бартараф сохтани тарҳи шуури хонандагон ва рушди шахсияти эҷодии онро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро мегиранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

- раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ муайян карда шудааст;

- истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзиши химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавсиф ва арзёбӣ гардид;

- технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия муайян карда шуд;

- ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт;

- категорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия муайян карда шуданд;

- истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди баррасӣ қарор гирифт;

- таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ амалӣ карда шуд;

- таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он мавриди муқоиса ва арзёбӣ қарор гирифтанд.

**Асоси методологии таҳқиқотро** таълимоти бунёди ва амалии педагогҳо, психологҳо ва файласуфони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар хонандагон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, аз он ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Консепсияи мактаби миллӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо муайян намудани **имкониятҳои** дидактикии химия дар татбиқи технологияи ташаккули **тафаккури илмӣ** тибқи истифодаи категорияҳои фалсафӣ ва нишонаҳои **фаъолияти** эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. **зарурати** ташаккули тафаккури илмӣ дар хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардонида шуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот чунин муайян карда шудааст:** - технологияи ташаккули тафаккури илмӣ дар асоси истифодаи категорияҳои фалсафии курси химия санҷида ва пешниҳод карда шуд, ки онҳо имкон медиҳанд вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ бомуваффақият ҳал карда шаванд;

– маводи дидактикӣ дар шакли иттилоот ва варақаҳои методӣ, вазифаҳои хусусияти эҷодидошта коркард гардида, бо мақсади ташаккули тафаккури илмӣ дарсҳои ғайрианъанавӣ (дарс–суҳбат, дарсҳои амсиласозӣ, дарсҳои бозиҳои иттилоотӣ) гузаронида шуд, ки истифодаи онҳоро ба дигар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия додан мумкин аст.

**Таҳияи корҳои илмии нашршуда оид ба мавзӯи диссертатсия:** 9 мақола бо ҳаҷми умумии 2,625 ҷузъи чопӣ. аз ҷумла 6 мақола 1,875 ҷузъи чопӣ дар нашрияҳои мансуб ба номгӯи нашрияҳои тақризшаванда, ки Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳад, ба нашр расидаанд.

Диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад ба ҳамаи талаботҳои муқарарнамудаи банди 7 – уми “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ” нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯй мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (10.10.2019 протоколи №1), дар бораи ба Расулзода Субҳон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард

Дар овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз 15-нафар иборат аст, иштирок доштанд 14 нафар, аз ҷумла 7 доктори илм, ки ба ҳайати Шӯро дохил мешаванд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид нест, бюлетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор: Бандаев С.Г.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия, дотсент: Гулов Т.Ё.